Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №128 (2955) | СЕШАНБЕ, 9 ОКТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ РАСМИИ ВЛАДИМИР ПУТИН БА ТОҶИКИСТОН ПУРМАҲСУЛ ВА МАНФИАТБАХШ ҶАРАЁН ГИРИФТ

**Панҷуми октябри соли 2012 барномаи боздиди расмии Президенти Федератсияи Росссия Владимир Путин ба Тоҷикистон бо мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар Қасри миллат оғоз ёфт.**



Меҳмони олимақомро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешвоз гирифта, барои иштирок дар маросими истиқболи расмӣ ба минбари ифтихорӣ даъват намуд.

Ба ин муносибат дар майдони назди Қасри миллат ҷузъу томҳои Горди фахрии Тоҷикистон ва оркестри асбобҳои мусиқии нафасӣ саф ороста, ҳайатҳои расмии ду ҷониб ва корпуси дипломатии муқими Душанбе ҳозир буданд.

Ба ифтихори ташрифи расмии Президенти Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурудҳои миллии ду давлат садо дод. Маросими расмии истиқбол бо гузашти Сарони ду давлат аз назди Горди фахрӣ, арзи эҳтиром ба Парчами давлатии Тоҷикистон, салом ба афсарону сарбозон ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду ҷониб идома ёфта, бо расми гузашти низомии ҷузъу томҳои Горди фахрӣ ба поён расид.

Масоили вобаста ба муносиботи ҳамшарикии стратегӣ ва ҳамкории гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Россия нахуст дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат- Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин баррасӣ шуд.

Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон ба рушди муносиботи гуногунҷанба бо Россия самимона манфиатдор аст ва барои ин пайваста ҷаҳд менамояд».

Владимир Путин дар навбати худ ба фаъолияти ҳайатҳои кории ду ҷониб дар омода кардани санадҳои нави ҳамкорӣ баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуд, ки ин сафар ба густариши минбаъдаи робитаҳои судманди ду кишвари дӯст такони ҷиддӣ мебахшад.

Баррасии муфассали масоили ҳамкорӣ дар музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи ду ҷониб идома ёфт.

Мунтазам сурат гирифтани робитаҳои сиёсии сатҳи олӣ ва ҳамчунин ҳамсон ва ё наздик ба ҳам будани нигоҳи ду кишвар ба аксари кулли масоили дуҷониба ва минтақавию ҷаҳонӣ омили муҳими рушди бонизоми муносиботи судманди стратегӣ арзёбӣ гардид.

Робитаҳои сиёсӣ, амниятӣ, ҳарбӣ ва ҳарбию техникии ду кишвар, аз ҷумла дар робита бо авзои кунунӣ ва ояндаи Афғонистон, аз бахшҳои муҳимтарини муносиботи ду кишвар номида шуд.

Таваҷҷуҳи махсус ба бахши иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории муносиботи ду кишвар зоҳир карда шуд. Бо хушнудӣ зикр гардид, ки имрӯз миёни Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи Россия беш аз 75 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расидааст ва дар соли 2011-ум 64 воҳиди ҳудудии ин давлат бо кишвари мо амалиётҳои тиҷоратӣ анҷом додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз дастрасӣ надоштани Тоҷикистон ба манбаъҳои табиии нафту газ ва норасоии шадиди неруи барқ дар фасли зимистон, рушди бахши гидроэнергетикаро аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи кишвари мо арзёбӣ кард ва изҳори боварӣ намуд, ки ҳамкорӣ бо Россия дар ин самти сердаромади ҳамкорӣ рушд меёбад. Аз ҷумла зарурати мушаххас намудани тавофуқоти қаблӣ доир ба бунёди се неругоҳи нави барқи обӣ дар болои рӯдҳои дохилии Тоҷикистон таъкид гардид.

Масоили вобаста ба танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба Россия низ аз мавзуъҳои муҳими гуфтушунид буд. Дароз намудани муҳлати аз қайд гузаштани муҳоҷирон баъди воридшавӣ ба ҳудуди Россия ва муҳлати иҷозатномаҳо барои кор муҳим номида шуд. Изҳори умед карда шуд, ки барои пешгирӣ аз рушди миллатгароӣ ва бадбинии нажодӣ ва ҳамчунин ташаккули фазои дилхоҳи мусоид атрофи муҳоҷирони корӣ чораҳои муассир андешида мешаванд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид дошт, ки ба муҳокимаи дурударози содироти бебоҷи маҳсулоти нафтӣ ба Тоҷикистон бояд ҳар чӣ зудтар хотима гузошта шавад.

Зимни баррасии масоили бахши гуманитарӣ Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳамкорӣ бо Россия дар соҳаҳои маориф, илму техника ва фарҳанг мебошад». Аз фаъолияти босамари Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов ва Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва ва омодагӣ ба ифтитоҳи филиали Донишкадаи энергетикии Москва изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт

**Баъди анҷоми музокироти расмӣ бо иштирок ва дар ҳузури сарони ду давлат шаш санади муҳими ҳамкорӣ ба имзо расид:**

- Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи мақом ва шартҳои будубоши пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ;

- Созишнома миёни Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба назорати муомилоти маводи нашъаовари Федератсияи Россия оид ба расонидани кӯмак ба Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо;

- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетикаи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳвили маҳсулоти нафтӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетикаи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика;

- Ёддошти тафоҳум оид ба иқдомҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи рушди ҳамкориҳо дар соҳаи муҳоҷират.

Ҳамчунин изҳороти Муштарак оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Зимни нишасти матбуотӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин ба натиҷаҳои мулоқоту музокироти имрӯза баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуданд, ки санадҳои нави имзошуда ва тавофуқоти зиёди ҳосилгардида ба рушди минбаъдаи ҳамшарикии стратегии ду давлати дӯст, таҳкими амнияту суботи минтақавӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон такони ҷиддӣ мебахшад.

Тавре Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Тибқи тавофуқоти ҳосилшуда, минбаъд ҳамкории иқтисодии Тоҷикистону Россия бояд ҳамвазн бо ҳамшарикии ҳарбӣ-сиёсии ду кишвар бошад.

Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба зарурати ҳалли масоили обию энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон, тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳақ дорад захираҳои табиӣ, аз ҷумла гидроэнергетикии худро ба нафъи мардуми хеш истифода барад». Ҳамзамон бо ин таъкид гардид, ки «Тоҷикистон ҳамеша аз мавқеи риояи тавозуни оқилонаи манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ амал карда, соҳаи гидроэнергетикаро танҳо аз нигоҳи талаботи дохилии худ рушд намедиҳад».

Бо таваҷҷуҳ ба имзо шудани Созишнома доир ба шартҳо ва муҳлати будубоши Пойгоҳи низомии 201 Россия дар Тоҷикистон иттилоъ дода шуд, ки бар ивази он Россия Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро навсозӣ намуда, омодасозии кадрҳои низомии тоҷикро дар ҳудуди худ идома мебахшад ва ба тақвияти қудрати дифоии давлати мо мусоидат менамояд.

***www.prezident.tj***



## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**8 октябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро қарор қабул кард.

Масъалаҳои рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи Созишномаи қарзии имтиёзнок байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба таҷдиди қисмати сеюми марҳилаи аввали роҳи автомобилгарди «Душанбе - Кулма», қитъаи «Душанбе - Данғара» ва «Дар бораи Протоколи молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Франсия оид ба Лоиҳаи сохтмони терминали нави Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе аз 1 майи соли 2009 ва Созишномаи иловагӣ ба Протоколи молиявӣ аз 1 майи соли 2009 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Франсия, ки 29 июни соли 2012 ба имзо расидааст»-ро раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология С.Ёқубзод, оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ У.Давлатов, оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов барои баррасӣ пешниҳод намуда, шарҳ доданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур қабул гардида, ин масъалаҳо ҷиҳати баррасӣ ба Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома -«Дар бораи лоиҳаи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро барои муҳокима ба Шӯро манзур намуд.

Доир ба масъалаҳои номбурда қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» - ро баррасӣ намуда, таври алоҳида қарорҳо қабул кард.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров зимни ҷамъбасти ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳои мавҷударо мавриди баррасӣ қарор дода, ба масъулону мутасаддиён супоришу дастурҳо дод.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

● 8 октябр - Рӯзи кишоварзӣ

## МОҲИ МЕҲР АСТ, МЕҲРУБОНӢ КУНЕД

Меҳргон яке аз ҷашнҳои сегонаи машҳуру маъруфи мардумони тоҷику форс мебошад, ки пайдоишу рушду такомул ва таҳаввули минбаъдааш, асосан бо шуғли кишоварзӣ ва рӯзгори аҳли фарҳангу гоҳшуморӣ марбут аст. Дар натиҷаи гардиши Замин дар атрофи меҳвари Хуршед соле ду маротиба - айёми фасли баҳор ва фасли тирамоҳ нури офтоб ба хати устуво (экватор) баробар мешавад. Мардум чунин ҳолати баробарии шабу рӯзро аз қадимулайём Наврӯз ва Меҳргон номида, бошукуҳу тантана пазироӣ мекунанд, шукри неъматҳои замин-модарро ба ҷо оварда, шоду масрур ба таҷлилаш мепардозанд.



Тибқи гоҳшумории Авастойи Сосонӣ, Меҳр моҳи ҳафтуми сол буда, ҷашни Меҳргон дар рӯзи 16-уми Меҳрмоҳ баргузор мегардад. Ин айём ба ҳисоби мелодӣ 8 октябр аст ва ҷашни Меҳргон бояд 8- уми октябр таҷлил гардад.

Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома» роҷеъ ба тақвими Сосониён маълумот ироа намуда, ҳар як моҳи ин гоҳшумориро шарҳу эзоҳ додааст. Аз ҷумла дар бораи Меҳрмоҳ чунин нигоштааст: «Мардум ин моҳро аз он сабаб меҳр номидаанд, ки одамон дар ин моҳ ба ҳамдигар меҳрубонӣ кунанд. Меваву ғалла инъом намоянд. Офтоб дар ин айём бар бурҷи Мизон омада, оғози тирамоҳ бошад».

Роҷеъ ба пайдоиш ва ҷашнгузории Меҳргон бархе уламо ва удабойи қарни миёна ба таври мушаххас иттилоъ додаанд. Тибқи иттилои Абурайҳони Берунӣ, гӯё Фаридун ба шарафи пирӯзиаш алайҳи Заҳҳок базме ороста, дилхушие созмон дода, ба ин ҷашн асос гузоштааст.

Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» роҷеъ ба бисёр ҷашну анъанаҳои мардумӣ ва пайдоиши онҳо таваққуф намудааст. Аз он ҷумла фармудааст, ки рӯзи нахустини ин рӯз Ҳурмуздрӯз аст, ки тирамоҳи дуввум мебошад ва он барои мардумони оддист.

Рӯзи 16-уми Меҳрмоҳ ҷашни бузург буда, онро Меҳрҷон гӯянд, ки ба номи моҳ мувофиқ аст. Маънии он муҳаббат ба рӯҳ аст ва Меҳр Офтоб буда, пайдоиши ҳамон рӯзест, ки номи худро аз он гирифта. Далоил ба ин гуфтаҳо он аст, ки мардум ҳангоми ҷашни Меҳргон аз хӯшаҳо чанбаре таҳия мекарданд, ки он шакли офтобро дошта, рамзи он маҳсуб мешуд.

Абурайҳони Берунӣ инчунин роҷеъ ба Меҳргони Бузург низ иттилоъ додааст, ки дар қадим он 21 меҳр, яъне 12 октябр баргузор мегардид. Бадътар ҷашни Меҳргонро чун Наврӯз давоми шаш рӯз ҷашн мегирифтаанд. Тибқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо, шоҳон дар рӯзҳои ҷашни Меҳргон ба ҳамдигар номаҳо ирсол мекарданд, ҳамдигарро табрик мегуфтанд, туҳфаҳо инъом менамуданд. Панҷ рӯзи аввал ҷашни ҳамагон буда, онро Меҳргони омма, яъне Меҳргони кӯчак меномиданд. Рӯзи шашум ҷашни расмӣ буда, онро шоҳ ба аҳли дарбор таҷлил мекард, ки аз ин рӯ онро «Меҳргони Бузург» ё «Меҳргони хосса» номидаанд.

Ҷашни Меҳргонро дар даврони Сосониён бисёр бошукуҳу тантана таҷлил менамуданд. Ҷашнгузории Меҳргон ба таҷлили Наврӯз аз бисёр ҷиҳат шабеҳ мебошад. Мардум хонаву дар ва ҳавливу кӯчаҳоро дар арафаи ҷашн поккорӣ мекарданд. Беҳтарин либосҳоро пӯшида, худро оро дода, ба идгоҳ мерафтанд. Хосатан, сайру гаштҳои дастаҷамъона ба ҳамдигар инъому туҳфаҳо, гулобпошиву хушгуфториҳо ба ин ҷашн ҳусну тароват мебахшид.

Беҳуда нест, ки дар осори шуаройи асрҳои миёна, алалхусус ибтидо аз устод Рӯдакӣ сар карда, як идда шоирони аҳди Сомониён ва баъдина ба монанди Манучеҳри Домғонӣ, Муизӣ, Фаррухӣ ва ғайра ҷашни Меҳргонро васф намудаанд. Баъзе порчаҳои ашъори устод Рӯдакӣ ва ҳамасронаш собит месозанд, ки дар дарбори Сомониён ҷашни Меҳргонро хеле бошукӯҳ, бо шодмониву тантана таҷлил менамуданд. Масалан, дар ғазали зайл устод Рӯдакӣ ба шарафи фарорасии Меҳргон яке аз маликони Сомониёнро табрик намуда, ивазшавии манзараҳои тобистонро ба тирамоҳ, яъне манзараҳои табиати диёрамонро васф намуда ва ифтихормандона чунин сароидааст:

*Малико, ҷашни Меҳргон омад!*
*Ҷашни шоҳону Хусравон омад!*
*Хаз ба ҷойи мулқаму хиргоҳ,*
*Бадали боғу бӯстон омад.*
*Мурд* ба ҷойи савсан омад боз,*
*Май ба ҷойи арғувон омад.*
*Ту ҷавонмарду давлати ту ҷавон,*
*Май ба бахти ту ҷавон омад...*

Манучеҳрии Домғонӣ, ки нисбат ба дигар шуаро роҷеъ ба ҷашнҳои Наврӯзу Сада ва Меҳргон бештар таваққуф намудааст, дар мисраъҳои зайл ҷашни ҳосилот, иди кишоварзон будани Меҳргонро хотирнишон сохта, ҷашни шоҳ Фаридун ва обишан будани онро таъкид намуда, ҳаркорону полизбононро ёдовар шудааст:

*Боз дигарбора Меҳрмоҳ даромад,*
*Ҷашни Фаридуну обишан ба бар омад.*
*Умри хушдухтарон дар бар омад,*
*Киштбонро сиёсате дигар омад.*
*Деҳқон дар бӯстон ба хар омад...*

* Мурд - муруд

(Идома дар саҳ. 3)

## Машварати корӣ



**Шашуми октябри соли 2012 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат, ки бо иштироки Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовирони давлатӣ ва ёварони Сарвари давлат ва дигар шахсони масъул ҷараён гирифт, рафти иҷрои амру фармонҳои Президенти кишвар ва дастуру супоришҳои дар вақти сафарҳои дохилӣ додашуда баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки иҷрои босамар, саривақтӣ ва босифати амру фармон ва дастуру супоришҳои Сарвари давлат таҳти назорати доимӣ қарор дошта бошанд. Таваҷҷуҳи зиёд ба иҷрои супоришҳои зимни сафарҳои охири корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон додашуда, ки моҳиятан ба тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дахл доштанд, зоҳир карда шуд.

***www.prezident.tj***

# ИЗҲОРОТ

## дар мавриди натиҷаҳои мулоқот бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин

### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон:

**- Намояндагони мухтарами воситаҳои ахбори омма, хонумҳо ва ҷанобон!**

Ман бо хушнудии том Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Владимирович Путинро самимона шодбош мегӯям.

Сафари расмии Сарвари давлати Россия дар зимни 20-умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳои мо сурат мегирад.

Мо дар ҷараёни музокирот, ки дар фазои дӯстӣ ва тафоҳуми комил баргузор гардиданд, тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байнидавлатиро амиқан баррасӣ намудем, мавқеи тарафайнро дар бобати рушди минбаъдаи ин муносибатҳо арзёбӣ кардем.

Натиҷаҳои музокирот дар санади муштараки сиёсӣ ифода ёфтаанд. Ин санад ҳамчунин тадбирҳои марбут ба рушди самтҳои калидии ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва Россияро бароиояндаи наздик ва иқдоми моро дар ҳамгироӣ дар арсаи ҷаҳонӣ муайян менамояд.

Мехостам ба таври мухтасар ба масоили зерин ишора намоям: Мо суръати рушди ҳамкории ду давлатро баррасӣ карда, перомуни густариши ҳар чӣ бештари тамоми маҷмӯи муносибатҳои Тоҷикистону Россия изҳори ақида намудем.

Ба кӯшишҳои муштарак дар роҳи таҳкими робитаҳои сиёсӣ низ ишора шуд.

Ҷанбаи асосии музокиротро масоили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо ташкил доданд.

Дар ин самт мо тасмим гирифтем, ки барои тавсеаи асосҳои иқтисодии муносибатҳои мутақобила мутобиқан бо сатҳи ҳамшарикии низомиву сиёсӣ муштаракан саъю талош намоем.

Ҷонибҳо дар бораи ҳалли созандаи масъалаҳои мубрами гидроэнергетикии минтақа дидгоҳҳои хешро баён карданд.

Дар ин робита зарур мешуморам бори дигар таъкид намоям, ки Тоҷикистон тибқи Оинномаи СММ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳаққи мусаллам дорад, аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои гидроэнергетикии худ, ба манфиати тамоми мардум истифода кунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо соҳаи гидроэнергетикаро тараққӣ дода, фақат манфиатҳои худро дар назар дошта бошем.

Тоҷикистон дар муносибатҳои худ ҳамеша мавқеъҳои риояи мувозинати оқилонаи муносибатҳои миллию минтақавиро ба инобат мегирад.

Ин асоси амалҳои мо қарор дошта ва мо ният дорем, ки ин амалро дар оянда ҳам пеш гирем.

Мо дар ин росто борҳо ташаббусҳои минтақавию ҷаҳониро дар мавриди об роҳандозӣ намудем, ки Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии ҳамкории об» эълон кардани соли 2013 идомаи мантиқии онҳо мебошад. Мо умедворем, ки ин сол заминаи воқеии муколамаи судманду ошкоро аз рӯйи масоили мубрами об дар ҳамаи сатҳҳо мегардад.

Дар мавриди масъалаҳои дигари рӯзномаи мулоқот бояд гуфт, ки ба манзури таҳким бахшидани ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ мо дар бораи вақтҳои наздик ба таври мусбат ҳал намудани масъалаи тамдиди муҳлатҳои бақайдгирии муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамчунин эътибори иҷозатномаҳои онҳо барои кор аҳду паймон намудем.

Мо ҳамчунин дар мавриди бидуни пардохти боҷҳои интиқолӣ дар ҳаҷми истеъмоли дохилии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ба ин ҷо овардани маҳсулоти нафт созиш ба даст овардем.

Ба истифодаи пурраи неруи равобити фарҳангию гуманитарии Тоҷикистону Россия таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Тоҷикистон ва Россия дар масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ ҳам пеш рафтанд.

Мо дар мавриди он ҳамфикр будем, ки ҳамкории зич дар ин самтҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои стратегии ҷонибҳо буда, ба таҳким бахшидани суботу амнияти минтақа мусоидат мекунад.

Маҷмӯи нави ҳуҷҷатҳо аз рӯйи ин падидаи ҳамкорӣ, аз ҷумла Созишнома дар бораи мақому шартҳои будубоши пойгоҳи низомии Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд.

Мутобиқи онҳо, ҷониби Россия масъалаҳои такмилу таҷдиди техникии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва бо намудҳои муосири аслиҳа мустаҳкам гардонидани заминаи моддию техникии онҳоро ба уҳдаи худ мегирад.

Ҷониби Россия ҳамчунин дар тайёр намудани кадрҳо дар ин соҳа ва инчунин аз дигар ҷиҳатҳои таҳкими қобилияти мудофиавии Тоҷикистон кӯмаки худро мерасонад.

Дар рафти гуфтушунид мо оид ба ҷанбаи густурдаи масоили рӯзмарра ҳусни тафоҳум кардем, аз ҷумла дар бобати мавзуоти Афғонистон.

Ҳангоми баррасии мавзуъ оид ба ҷалби фаъоли Афғонистон ба равандҳои ҳамкории минтақавӣ назари ягона доштем.

Зикр гардид, ки ин ба паст гардидани оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии дохил шудани кишвар ба марҳилаи гузарандаи ҷадиди рушди мустақили он мусоидат мекунад.

Ҷонибҳо мувофиқати комил ё наздикии дидгоҳҳоро оид ба аксарияти томи масоили минтақавиву ҷаҳонӣ муқаррар карданд. Дар фарҷом мехостам аз гуфтушунидҳои ба вуқуъпайваста изҳори қаноатмандии амиқ кунам.

Ман муътақидам, ки ташрифи расмии Сарвари Россияи дӯст саҳифаи ҷадидро дар таърихи ғании муносиботи ин ду давлат боз менамояд.

### Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин:

**- Муҳтарам Эмомалӣ Шарипович! Дӯстони азиз! Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама мехоҳам бори дигар Президенти Тоҷикистонро бо зодрӯзаш муборакбод кунам! Ба ӯ тани сиҳат, бурдборӣ ва дар фаъолияти пурмасъули давлатиаш пешравиҳо хоҳонам!

Мехоҳам зикр намоям, ки сатҳи баланди муносиботи давлатӣ, муносиботи ҳамгироии стратегӣ ва ҳамкорӣ маҳз бо талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарипович Раҳмон ба дараҷаи назаррас расиданд. Ӯ барои таҳкими муносибатҳо миёни давлатҳои мо бисёр корҳоро анҷом дода, талошҳоро дар ин самт идома дода истодааст. Натиҷаи он аст, ки имрӯз як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд. Ман дар ин бора ба таври мушаххас таъкид менамоям, гарчанде Эмомалӣ Шарипович дар ин бобат ёдовар шуд.

Бояд гуфт, ки ҷониби Тоҷикистон дар ҷараёни интегратсионӣ дар ҳудуди ИДМ фаъол аст, ки ба ин мо баҳои баланд медиҳем ва ин кӯшишҳои қавии Тоҷикистонро дастгирӣ менамоем.

Акнун чанд сухан оид ба натиҷаҳои гуфтушуниди имрӯза. Мулоқотҳо дар ҳақиқат бисёр дӯстона, самимӣ ва дар фазои корӣ ҷараён гирифтанд. Мо доираи васеи масоили муҳимро ба таври мушаххас баррасӣ намудем. Инҳо муколамаи сиёсӣ, муносиботи иқтисодӣ, ҳамкориҳои мудофиавӣ, амниятӣ ва гуманитарӣ буданд. Худи ҳозир, чӣ хеле ки шумо дидед, маҷмӯи ҳуҷҷатҳои муҳими дуҷониба ба имзо расиданд. Боварӣ дорам, ки татбиқи созишҳои бадастомада ба густариши минбаъдаи маҷмӯи ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия набзи тозаи ҷиддӣ мебахшанд.

Ҳуҷҷати асосӣ – Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи мақом ва шартҳои будубоши пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Тоҷикистон барои 30 сол, яъне то соли 2042 мебошад. Ҳамин тавр, ин метавонад ҳимояи манфиатҳои ҳар ду ҷонибро барои таҳкими амнияту суботи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин намояд.

Дар самти мубориза якҷоя оид ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мо ба созиш омадем, ки барои Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи пулӣ дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА ҷудо намоем. Мо кӯмак ба Тоҷикистонро оид ба омодасозии мутахассисон барои ин Агентӣ дар макотиби олии Россия давом медиҳем. Ин кор аллакай рафта истодааст ва идома хоҳад ёфт. Бояд гуфт, вақтҳои охир кор дар ин самт басо ҷоннок гардидааст.

Афзалият ба дурнамои ҳамкориҳои байни ду давлат дода шуд. Моро (ман инро дар ҷараёни музокирот бо иштироки ҳайати васеъ гуфта будам) сатҳи гардиши мол, ки дар соли 2011-ум 810 миллион доллар ва дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ, моҳҳои январ-июн 413 миллион долларро ташкил дод, қонеъ карда наметавонад. Ин, албатта, барои Тоҷикистону Россия кам аст.

То андозае корҳо дар самти сармоягузорӣ беҳтар аст. Ҳаҷми сармоягузории Россия дар Тоҷикистон зиёда аз 1 миллиард доллар, аниқтараш 1 миллиарду 200 миллион долларро ташкил медиҳад. Дар соли 2011 ширкатҳои мо ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 133 (133,6) миллион доллар сармоягузорӣ карданд. Нақши фаъолро дар баланд бардоштани таъсири ҳамкории иқтисодии мо, дар ташаккули фазои мусоид барои вусъати ҳамгироии равобит бояд Комиссияи байниҳукуматӣ бозад. Бо ин мақсад мо чанде қабл сатҳи ҳамраисиро аз ҷониби Федератсияи Россия баланд бардоштем.

Тоҷикистон дорои захираҳои бойи канданиҳо ва обию энергетикӣ мебошад. Ҳамкориҳои мо дар ин самт ба он равона карда шудаанд, ки ин иқтидор ба манфиати иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон самаранок истифода шавад. Аллакай дар ин самт натиҷаҳои назаррас мавҷуданд. Шумо медонед, ки НБО «Сангтӯда-1» айни замон фаъол аст ва 15 фоизи маҷмӯйи умумии истеҳсоли қувваи барқ дар Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Корҳои геологӣ аз ҷониби «Газпром-Зарубежнефтгаз» ҷиҳати ҷустуҷӯйи газ идома дошта, «Газпромнефт-Тоҷикистон» дар ташкили нуқтаҳои НФС фаъол буда, яке аз калонтарин андозсупоранда дар ҷумҳурӣ аст, ки 2,2 фоизи воридоти буҷети Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Имкониятҳои татбиқи барномаҳо оид ба сохтмони неругоҳҳои иқтидорашон миёна ва хурд дар дарёҳои дохили Тоҷикистонро баррасӣ менамоем. Эмомалӣ Шарипович имрӯз ва ҳамчунон дар доираи сафари хеш ба Москва ин масъаларо таъкид карда буд ва ин дар ҳоли коркард аст ва имкони татбиқро дорад.

Мисоли возеҳ ин аст, ки бобати мусоидат ба таҳкими бахши энергетикии Тоҷикистон ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум дар соҳаи таҳвили маҳсулоти нафтӣ мебошад. Мо инро ҳамчун дастгирии бевоситаи иқтисодиёти Тоҷикистон медонем.

Созиш оид ба ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаи муҳоҷират ба даст омад. Ҳоло дар Россия зиёда аз як миллион нафар, агар ба таври аниқ гӯем, 1 миллиону 130 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон кор мекунанд. Мо нақша дорем муҳлати бақайдгирии онҳоро то 15 рӯз ва иҷозат барои фаъолиятро то се сол тамдид кунем. Мо бар онем, ки ҳалли ин масъалаҳо метавонад ба бозори кори хориҷии давлати мо мусоидат намуда, вазъи бозори қувваи кори хориҷиро дар давлати мо ба танзим дарорад ва ба шаҳрвандони Тоҷикистон имкон медиҳад, ки нақшаҳои ҳаётии худро дар асоси қонунӣ ба роҳ монанд.

Таъкид мекунам, ки фоида аз муҳоҷирати меҳнатӣ аксарияти аҳолии ҷумҳуриро таъмин менамояд. Интиқоли маблағ дар соли 2011 қариб 3 миллиард долларро ташкил дод. (Ин нисфи ММД ҷумҳурист).

Равобити басо ҷоннок дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф дорем. Дар Душанбе филиалҳои ДДМ ва Донишкадаи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС фаъоланд. Нақша дорем филиали Донишкадаи энергетикии Москваро низ кушоем.

Ногуфта намонад, ки мо имрӯз зарурати омӯзиши забони русиро дар мактабҳо таъкид намудем. Ин, бешубҳа, ба он мусоидат мекунад, ки иқтисодиёти Тоҷикистон дар заминаи худ рушд карда, ҳам бо иштироки мо ва ҳам дар ҳамроҳӣ бо шарикони хориҷиаш ҳадди ақал дар инҷо ҷойҳои нави корӣ ба миён омада, мутахассисон аз рӯйи дараҷаи сатҳи касбӣ ва маоши хуб бо ҷойи кор таъмин шаванд. Фикр мекунам, ки мо агар корро дар ин самт чунин равона созем, масоили ҷараёни муҳоҷират ин гуна тез нахоҳад шуд. Дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия ҳоло 4,7 ҳазор донишҷӯй аз Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Мо ҳавасманди ҳар чӣ бештари омӯзиши забони русӣ дар Тоҷикистон ҳастем. Тавре гуфта будам, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия дар Тоҷикистон яке аз пешсафҳо дар соҳаи маориф шудааст. Ҳоло дар ин ҷо 3,3 ҳазор донишҷӯй таҳсил мекунанд. Фикр мекунам, ки донистани забони русӣ метавонад сатҳи касбии шаҳрвандони Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҷавононро баланд бардорад ва дар ҷойгузинии онҳо ба фазои иттилоотии Россия, давлатҳои ИДМ, гирифтани маълумот ва кори хуби тахассусӣ мусоидат намояд.

Дар ҷараёни гуфтушунид мо ҳамчунин ҳамкориҳоро дар доираи ИДМ, СААД, АвруОсиё, СҲШ муҳокима кардем. Мутмаинам, ҳамоҳангии зич дар корҳои байналмилалӣ ва интегратсионӣ, аз ҷумла дар доираи иттиҳодияҳои интегратсионӣ, ҷавобгӯйи манфиатҳои кишварҳоямон ва халқҳоямон буда, ба суботи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ хизмат мекунад.

Дар охир мехоҳам ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи ҳайатҳо барои фазои хуби корӣ, ки барои мо имрӯз омода намуда буданд, миннатдорӣ баён намоям.

**Барои диққататон ташаккур!**

# Изҳороти муштарак

## оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин 4-5 октябри соли 2012 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди расмӣ ба амал овард.***

Роҳбарони давлатҳо зимни гуфтушунидҳо, ки дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии комил доир гардиданд, омодагии худро ҷиҳати густариши муколамаи сиёсӣ тасдиқ намуда, самтҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Россияро муайян карданд. Ҷонибҳо масъалаҳои муҳими байналмилалию минтақавии мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро муҳокима намуданд.

1. Сарони давлатҳо ҷараёни инкишофи устувору мусбати ҳамкориҳои Тоҷикистону Россияро дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷорию иқтисодӣ, гуманитарӣ, ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ бо қаноатмандӣ қайд карданд ва тарафдории тағйирнопазири худро бо усул ва уҳдадориҳои дар Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 25 майи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи ҳамкории мутақобилаи иттифоқии ба асри XXI нигаронидашуда байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 16 апрели соли 1999 дарҷгардида, инчунин мавқеи Ҷонибҳо, ки дар Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Федератсияи Россия аз 2 сентябри соли 2011 қайд шудааст, тасдиқ карданд.

Азми қатъӣ ҷиҳати мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ, баровардани онҳо ба сатҳи сифатан нав, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои мардуми ҳар ду давлат, амният ва пешрафти онҳо мебошад, тасдиқ гардид.

2. Саъю кӯшиши тарафайн ҷиҳати тавсеаи робитаҳо дар сатҳҳои олию баланд, густариши ҳамкориҳо ба мақсади самаранокии ҳамкориҳои мутақобила оид ба масъалаҳои муҳимтарини муносибатҳои дуҷониба ва масоили мубрами байналмилалӣ баён гардид.

3. Президентҳо аҳамияти рушди робитаҳои мутақобилан судманди иқтисодиро таъкид карда, зарурати баланд бардоштани нақши Комиссияи дуҷонибаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодиро ба мақсади тавсеаи пояи ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, ҳалли масъалаҳои барои хоҷагии халқи Тоҷикистон муҳим, бо роҳи истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии ду кишвар, ҳифз ва рушди минбаъда дар асоси робитаҳои мутақобилан судманди истеҳсолӣ, хоҷагидорӣ ва илмию техникӣ, муқаррар намуданд.

Сарони давлатҳо азм карданд, ки ба татбиқи самараноки барномаҳои қабулшудаи дуҷонибаи ҳамкории иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

Ҷонибҳо ба афзоиши ҳаҷм ва диверсификатсияи соҳавии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тавассути татбиқи муштараки лоиҳаҳо дар соҳаҳои маъдани кӯҳӣ, сохтмон, саноати сабук ва ғизоӣ, истеҳсоли молҳои саноатӣ ва коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд дод.

4. Президентҳо сармоягузории корхонаю муассисаҳои Россияро дар соҳаи азхудкунии захираҳои нафту газ ва рушди иқтидори сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамоянд. Ҷониби Россия андешидани чораҳои мушаххасро оид ба омӯзиши геологии қаъри замин дар қитъаҳои нафту газии ояндадори Тоҷикистон, ки барояш ҷудо шудааст, инчунин дар соҳаи саноати кӯҳию маъдан, истеҳсолу коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот ва фурӯши он дар бозорҳои ҳар ду кишвар, дар самти бонкӣ ва дигар бахшҳои дорои дурнамои иқтисоди Тоҷикистон идома медиҳад.

5. Сарони давлатҳо манфиатдории устувори худро дар густариши ҳамкориҳои минбаъдаи мутақобилан судманд дар соҳаи истифодабарии захираҳои обу энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъе аз шарикии стратегии онҳост, таъкид карданд.

6. Ҷониби Тоҷикистон иқдоми Ҷониби Россияро ҷиҳати иштирок дар лоиҳаҳои энергетикии минтақавӣ маъқул медонад. Ҷониби Россия саъю кӯшиши Ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати истифодабарии имконоти гидроэнергетикиаш ба манфиати рушди минтақавӣ ҳамаҷониба дастгирӣ хоҳад кард.

7. Ҷонибҳо фаъолияти сармоягузорони Тоҷикистону Россияро аз ҳар ҷиҳат ҳавасманд намуда, ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои тиҷоратро боэътимодона кафолат дода, ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсолоти муштараки самаранок мусоидат карда, чораҳои амалӣ оид ба сохтмони мақсадноки корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва такмилу навсозии иқтидори мавҷуда қабул хоҳанд кард.

8. Манфиатдории тарафайн ҷиҳати таъмини шароити зарурӣ барои густариши ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодию гуманитарӣ байни минтақаҳо, ҳамчун шакли самараноку ояндадори тақвияти бахшҳои иқтисодию гуманитарии муносибатҳои тарафайн ва ҳамаҷониба ҳавасманд кардани робитаҳои мустақими хоҷагидорӣ дар сатҳи минтақаҳо, қайд карда шуд.

9. Омодагии тарафайн ҷиҳати ҳамоҳангсозии минбаъдаи фаъолият дар самти бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ таъкид гардид.

10. Ҷиҳати густариши ҳамкориҳо дар масъалаҳои такмили механизмҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла оид ба таъмини шароити зарурии ҳуқуқию иҷтимоӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар қаламрави якдигар, тариқи зиёд намудани муҳлатҳои бақайдгирӣ ва иҷозати фаъолияти онҳо, чораҳои мушаххас андешида хоҳад шуд.

11. Ҷонибҳо зуҳуроти миллатгароӣ ва бетаҳаммулиро, ки ба барангезии тафриқа байни миллатҳо нигаронида шудааст, маҳкум намуданд ва зарурати қабули чораҳои дахлдорро ҷиҳати пешгирии амалҳои созмонҳо, гурӯҳҳои аҳолӣ ва ё шахсони алоҳида дар кишварҳои якдигар, ки ба иғвоангезии зӯроварӣ бар зидди шаҳрвандон вобаста ба қавмияти онҳо нигаронида шудааст, таъкид намуданд.

12. Густариши ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ дар асоси созишнома ва барномаҳои дахлдор, инчунин таҳкими амнияти марзҳои берунии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар қитъаи байни Тоҷикистону Афғонистони он ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи созмонҳои минтақавӣ идома меёбад.

13. Ба раванди татбиқи аҳдномаҳои мавҷуда дар соҳаи ҳарбӣ баҳои баланд дода шуд. Зикр гардид, ки ҳамкории ҳарбӣ байни Тоҷикистону Россия дар ҳамаи самтҳо муваффақона рушд мекунад. Ҷонибҳо аҳамиятнокии маҷмӯи санадҳои имзошуда оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ, аз ҷумла Созишнома дар бораи мақом ва шароити ҳузури пойгоҳи ҳарбии Россия (ПҲР 201) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мақсади муборизаи самаранок бар зидди хатару таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ таъкид намуданд.

Ҷонибҳо омодагии хешро ҷиҳати таъмини ҳамаи шароити зарурӣ барои иҷрои пурраи уҳдадориҳо, тибқи Созишномаи дар боло зикршуда, ба мақсади иҷрои вазифаҳои дар назди пойгоҳ гузошташуда тасдиқ намуданд.

14. Президентҳо дастгирии давлатӣ ҷиҳати густариши забони тоҷикӣ дар Россия ва забони русӣ дар Тоҷикистонро таъмин намуда, барои гузаронидани воҳӯриҳои мунтазам байни намояндагони доираҳои илмию ҷамъиятӣ ва ходимони фарҳанг мусоидат хоҳанд кард.

15. Тарафдорӣ аз мақсаду усулҳои Низомномаи СММ тасдиқ гардида, авлавиятнокии таҳкими нақши марказӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид ва Шӯрои амнияти он дар масоили байналмилалӣ қайд карда шуд. Ҳамкории мутақобила ба мақсади баланд бардоштани самаранокии кӯшишҳои бисёрҷониба оид ба таъмини сулҳ, амният ва субот, пешгирӣ аз низоъҳои мусаллаҳона, ҳалли мусолиҳатомези муноқишаҳо, мубориза бар зидди таҳдидҳои умумӣ, ба монанди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, вусъат хоҳад ёфт.

16. Президентҳо зарурати густариши ҳамгироии иқтисодӣ дар фазои ИДМ ва табдили СААД-ро ба институти меҳварии мубориза бар зидди доираи васеи хатару таҳдидҳои амният дар минтақаи масъулияти ин Созмон таъкид намуданд.

17. Ҷонибҳо корро ҷиҳати такмили фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар асоси Консепсияи рушди минбаъдаи он ва Барномаи чорабиниҳои асосӣ оид ба татбиқи он идома медиҳанд ва ҷиҳати андешидани чораҳои самаранок, ки ба рушди робитаҳои ҳамгироӣ ва кооператсионӣ дар доираи ИДМ нигаронида шудааст, саъю кӯшиш хоҳанд кард.

18. Ҷиҳати роҳандозии минбаъдаи иқтидори ҳамкориҳо, амалкарди мутақобила дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), ба мақсади таъмиқи муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ, дӯстона ва шарикӣ байни давлатҳои узв, тавсеаи имкониятҳои СҲШ дар бархӯрди самаранок бо таҳдидҳои муосир идома дода мешавад.

19. Тоҷикистон ва Россия ташаббусҳо ҷиҳати ислоҳоти Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)-ро ба мақсади тағйири он ба механизми самараноки ҳамкориҳои дастаҷамъона, бо нигоҳдории усулҳои устувори ризоияти умум ҳамчун асоси фаъолияти САҲА идома хоҳанд дод.

20. Аҳамияти рушди робитаҳои байнипарлумонӣ тасдиқ гардид. Изҳори боварӣ шуд, ки мақомоти қонунбарори олии ҳар ду кишвар саҳмгузории муҳимро дар инкишофи ҳамкориҳои бисёрсамта ва мутақобилан судманд байни Тоҷикистону Россия идома медиҳанд.

21. Президентҳо вазъияти Афғонистонро муҳокима намуда, аҳамияти мусоидат дар тезонидани раванди истиқрори сулҳ ва ризоият дар ин кишварро тасдиқ карданд, бо назардошти нақши пешбарандаи СММ дар саъю кӯшишҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли масоили Афғонистон аз тавсеаи ҳамкориҳо дар самти Афғонистон, дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ҷонибдорӣ намуданд.

Ба ҳайси яке аз самтҳои авлавиятнок дар нигоҳдории суботи минтақавӣ, Ҷонибҳо пешгирии хатарҳои террористӣ ва маводи нашъадорро, ки аз қаламрави Афғонистон бармеояд, арзёбӣ мекунанд.

22. Ҷонибҳо ҷиҳати густариши минбаъда ва такмили пояи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба, ба мақсади ҳамкории амалӣ байни идораҳои сиёсати хориҷӣ, иқтисод, мудофиа ва ғайра чораҳои зарурӣ меандешанд.

23. Сарони давлатҳо аҳамияти мубрами Созишнома дар бораи мақом ва шароити ҳузури пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафоҳумномаҳо оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ, дар самти таъмини маҳсулоти нафтӣ, соҳаи энергетика ва рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар самти муҳоҷиратро, ки Ҷонибҳо имзо карданд, таъкид намуданд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки созишномаҳои байниҳукуматии дахлдорро дар асоси тафоҳумномаҳои имзошуда дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин таҳия карда, барои имзо омода намоянд.

24. Президентҳо эътиқоди худро бар он ки татбиқи мувофиқаҳои дар Изҳороти мазкур дарҷгардида дар густариши минбаъдаи шарикии стратегӣ ва муносибатҳои иттифоқӣ байни ду давлат ба мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми онҳо ва баҳри таҳкими сулҳу субот ва пешрафт дар кулли минтақаи Осиёи Марказӣ саҳмгузор хоҳад буд, баён доштанд.

Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамаи мардуми Тоҷикистон барои меҳмоннавозӣ ва пазироийи самимӣ нисбати ҳайати Россия миннатдорӣ баён карда, аз Сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боздид аз Федератсияи Россия дар вақти барояш мувофиқ даъват ба амал овард.

Даъват бо миннатдорӣ пазируфта шуд.

***Душанбе, 5 октябри соли 2012***

# Ташрифи Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин ба Пойгоҳи низомии 201 Федератсияи Россия

**Панҷуми октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба қароргоҳи Пойгоҳи низомии 201 Федератсияи Россия ташриф оварданд.**

Аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин хизматҳои шоёни Пойгоҳи низомии 201 бо ордени «Жуков» қадрдонӣ карда шуд.

Сарони ду давлат -Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин роҳбарият ва ҳайати шахсии ин воҳиди низомиро бо мукофоти давлатӣ ва ҳам бо имзо шудани Созишномаи байнидавлатӣ доир ба мақом ва шартҳои будубоши пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, онро омили таҳкими амнияту субот дар минтақа номиданд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки минбаъд ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Тоҷикистону Россия ба муддати тӯлонӣ ва беш аз пеш густариш хоҳад ёфт.

# Сафар пурсамар гузашт

Натиҷаҳои сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои нави имзошуда ва тавофуқоти зиёди ҳосилгардида ба рушди минбаъдаи ҳамшарикии стратегии ду давлати дӯст, таҳкими амнияту суботи минтақавӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон такони ҷиддӣ мебахшад.

Тибқи тавофуқоти ҳосилшуда, ҷониби Россия бар ивази ба муҳлати 30 сол дароз шудани замони будубоши Пойгоҳи низомии 201 Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро бо техникаи ҳарбӣ, яроқу аслиҳа ва лавозимоти муосири низомӣ таъмин намуда, кӯмакҳои дигари ҳарбию техникӣ мерасонад ва омӯзиши кадрҳои низомии тоҷикро дар муассисаҳои таълимии худ васеъ ба роҳ мемонад. Мувофиқи тасмимоти ду ҷониб бояд қудрати дифоии Тоҷикистон тақвият дода шавад.

Мутобиқи созишномаи дигар, Хадамоти федералӣ оид ба назорати муомилоти маводи нашъаовари Федератсияи Россия ба Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кӯмаки техникӣ 5 миллион доллари амрикоӣ маблағ ҷудо менамояд.

Тибқи тавофуқоти дар соҳаи энергетика ҳосилшуда ҷониби Россия ҳар сол ба Тоҷикистон дар ҳаҷми то 1 миллион тонна маводи сӯхти нафтӣ, ки баробар ба эҳтиёҷоти дохилии солонаи кишвари мо мебошад, бе боҷи гумрукии содиротӣ содир менамояд. Ҳамчунин аз ҷониби Россия дар Тоҷикистон бояд як зумра неругоҳҳои хурду миёнаи обӣ, аз ҷумла дар болои рӯдҳои дохилии Зарафшон, Фондарё ва Хингоб бунёд намояд.

Тасмимоти ҷиддии дигар доир ба навсозии иқтидори саноатии Тоҷикистон гирифта шуд, ки тибқи он барои эҳёи корхонаҳои мавҷуда ва бунёди иншооти нави саноатӣ дар Тоҷикистон дар зарфи бист соли оянда аз ҷониби Россия бояд 12 миллиард доллари амрикоӣ сармоягузорӣ карда шавад. Тавре зикр гардид, ин кор имкон медиҳад, ки мардуми Тоҷикистон дар дохили кишвар бештар бо кор таъмин шуда, муҳоҷирати корӣ ба Россия коҳиш ёбад.

Тибқи санади дар соҳаи муҳоҷират имзошуда бошад, муҳлати аз қайд гузаштани муҳоҷирони корӣ баъди воридшавӣ ба ҳудуди Россия бояд аз се рӯзи ҳозира ба 15 рӯз ва муҳлати иҷозатномаҳо барои кор дар Россия аз 1 соли ҳозира ба се сол иваз карда шавад.

Натиҷаҳои ин сафар ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсат, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, иқтисодиёту иҷтимоиёт, энергетика, саноат, муҳоҷират, маориф, илму техника ва фарҳанг ба таври муфассал дар Изҳороти муштарак оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Дар ин бора Котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуфаттоҳ Шарифзода иттилоъ дод.

***www.prezident.tj***

# Боздид аз боғу токзори ноҳияи Ҳисор

**Ҳафтуми октябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба боғу токзор ва заминҳои полезии лалмии қисмати кӯҳистони ноҳияи Ҳисор ташриф оварда, дар ҷамъоварии ҳосили фаровони заҳмати деҳқонону боғпарварон бевосита иштирок намуд.**

Тавре аён мегардад, рушди боғутокпарварӣ, ки аз бахшҳои сердаромади соҳаи кишоварзии кишвар мебошад, таҳти назорати доимии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Ин аст, ки бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди соҳаи боғутокпарварӣ барномаи мақсадноки давлатӣ барои солҳои 2007-2010 қабул шуда буд ва тибқи он дар зарфи чор сол бояд дар майдони 5680 гектар боғу токзори нав бунёд ёфта, наздики 2700 гектар боғу токзори кӯҳна барқарор карда мешуд.

Ба туфайли ҳавасмандгардонии мудоми боғпарварон, ки ба таври шоиста бевосита аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон суръат мегирад, тибқи нишондодҳои оморӣ, ин барномаи чорсола дар се сол барзиёд иҷро шуд.

Аз ин хотир, моҳи августи соли 2009 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи нави боғутокпарварӣ қабул карда шуд, ки тибқи он дар солҳои 2010-2014 бояд дар майдони 50 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд карда шавад.

Тавре аз иттилооти масъулини соҳа бармеояд, дар солҳои 2010- 2011 ва ҳашт моҳи соли 2012 дар майдони зиёда аз 36600 гектар боғу токзори нав бунёд ёфтааст, ки 5040 гектар аз нақшаи иҷрои фармони мазкур дар ин муддат зиёд буда, баробар ба 115,8 фоизи он мебошад.

Танҳо дар ин боғу токзори лалмии қисмати кӯҳистони ноҳияи Ҳисор, ки бо супоришу ҳидояти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бунёд ёфтааст, зиёда аз 5 ҳазор нафар аз аҳолии маҳаллӣ бо кор, маоши хуб ва ҳамчунин бо меваи хушлаззату ҳезум таъмин мегарданд. Тавре зикр гардид, аҳолии деҳоти атроф қаблан дар ин заминҳо гандуми лалмӣ кишт карда, ҳосили ночиз мегирифтаанд. Ҳоло бошад, даромаднокии онҳо аз боғу токзор даҳҳо маротиб афзудааст.

Тавре иттилоъ дода шуд, ҳоло аз ин боғу токзор ҳамарӯза даҳҳо тонна ангур, себу нок ва тарбузу харбузаи лалмӣ ба бозори дохилӣ ва ҳам хориҷи кишвар, аз ҷумла ба Афғонистону Покистон ба фурӯш бароварда мешавад.

***www.prezident.tj***

**• Бунёдкорӣ**

# Авҷи сохтмон дар Зафаробод

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсату тадбирҳои оқилонаи Давлату Ҳукумат ободонию созандагӣ дар вилояти Суғд авҷу барори тозаи худро ёфтааст ва ноҳияи Зафаробод аз ин радиф истисно нест.

Кас агар 7-8 сол пештар ин ҷо омада бошад, имрӯз симои онро дида, ба ҳайрат меафтад. Роҳҳо таъмиру васеъ шуда, дар ду тарафи кӯчаҳо қатор-қатор биноҳои нави баландошёнаи зебо қомат афрохтаанд. Дар шаҳракҳои Зафарободу Меҳнатобод чандин марказҳои тиҷоратию фароғатӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, иншооти маъмурӣ ва дигар иморатҳои муҳташам бунёд гардида, симои ин шаҳракҳоро тағйир додаанд.

Дар аксари марказҳои хизматрасонӣ мағозаҳои маҳсулоти бинокорӣ мавҷуданд. Муовини раиси ноҳия Нормаҳмад Наврӯзов, ки худ сохтмончӣ асту се сол боз самти сохтмону ободонии ноҳияро раҳнамоӣ менамояд, зимни суҳбат гуфт:

-Мардум ҳоло бештар ба маҳсулоти бинокорӣ эҳтиёҷ доранд. Чуноне мебинед, дар ноҳия сохтмони манзилҳои истиқоматӣ босуръат идома дорад, зеро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия солҳои 2010-2011 ба 3154 оила қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо кард. Аз ин ҳисоб 974 қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба муҳоҷирони навоҳии Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Ғончӣ тааллуқ доранд. То охири соли равон ният дорем, ки ба 220 оилаҳои аз ноҳияи Айнӣ муҳоҷиршаванда замин ҷудо кунем.

Оё аҳолии таҳҷоии ноҳияи Зафаробод пурра бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин шудаанд, -пурсидам аз ҳамсуҳбатам.

-Ҳоло не, наздик ба 4000 оилаи дигар ба қитъаи замин эҳтиёҷ дошта, дар захираи навбатдорон ба қайд гирифта шудаанд. Бинобар ин, мо бобати ҷудо кардани қитъаҳои алоҳида ба Ҳукумати ҷумҳурӣ аснод пешниҳод кардаем. Даҳ-дувоздаҳ сол пештар дар ноҳияамон ҳамагӣ 45000 аҳолӣ зиндагӣ мекард. Имрӯз ин шумора ба зиёда аз 61000 нафар расидааст, посух дод ҳамсуҳбат.

- То истиқболи ҷашни 20 -солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони чанд адад иншооти ҷашниро ба нақша гирифтаед?, - мепурсам ман.

